№6910/13.1 аз «23» 06 соли 2015

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ", ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 26 январи соли 2013 таҳти №2-Ф тасдиқ карда шудааст, дар мақомоти андоз тартиби қабули эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст ва ҳамчунин, аз 1 июли соли 2015 истифодаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда дар шакли электронӣ ҷорӣ карда мешавад.

Хотиррасон менамоем, ки шуруъ аз 1 июли соли 2015 бо баробари истифода намудани шакли электронии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, истифодаи шакли коғазии он манъ карда мешавад.

Барои он ки супорандагони андоз аз арзиши иловашуда бемамоният аз ҳисобнома-фактураҳои шакли электронӣ истифода намоянд, бояд корҳои зеринро ба анҷом расонанд:

-ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳо гузашта бошанд;

-замимаҳои 6 ва 7 эъломияҳои андоз аз арзиши иловашудаи дар давраи аз январи соли 2013 то июни соли 2015 пешниҳодшуда бояд мутобиқи талаботи Дастурамали ҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда навишта шаванд, яъне дар ин замимаҳо номгӯи харидорон, фурӯшандагон, РМА ва РЯМ-и онҳо, силсила ва рақами ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, маблағи умумии харид ё фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ва маблағи андоз аз арзиши иловашудаи ин амалиётҳо бояд қайд карда шаванд;

-шумораи ҳисобнома-фактураҳои истифодашуда, вайроншуда ва бақиямонда бояд ба шумораи ҳисобнома-фактураҳои аз Нозироти андоз гирифташуда мутобиқат намояд, яъне ба ҳолати 1 июли соли 2015 дар ҳисоби андозсупорандагон ҳисобнома-фактураҳои истифоданашуда боқӣ намонад;

Аз ин рӯ, супорандагони андоз аз арзиши иловашударо зарур аст, ки то санаи 30 июни соли 2015 шакли коғазии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашударо истифода намуда, то санаи 5 июли соли 2015 бақияи истифоданашудаи бастаҳои ҳисобнома-фактураҳоро ба мақомоти андози маҳалли фаъолият дар якҷоягӣ бо ҳисоботи истифодаи ҳисобнома-фактураҳо пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон, таъкид менамоем, ки дар сурати то 5 июли соли 2015 пешниҳод накардани бақияи ҳисобнома-фактураҳо ва дар Барномаи компютерии СИА "Баҳисобгирии андозҳо" пурра ворид накардани замимаҳои 6 ва 7 супорандагони андоз аз арзиши иловашуда шакли электронии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро истифода бурда наметавонанд.

Р а и с Н.Давлатзода